# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 456

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Дар банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 456 "Дар бораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" рақамҳои "1833", "78", "185"ва "20"мувофиқан ба рақамҳои "1843", "88", "225"ва "60" иваз карда шаванд.

2. Аз банди 2, зербанди б) банди 7, зербанди а) банди 9 ва банди 12 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 456 "Дар бораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шудааст, калимаи "(Сарқонуни)"хориҷ карда шавад.

3. Сохтори дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, № 456 "Дар бораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон"тасдиқ шудааст, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

"Роҳбарият

Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо

Сарраёсати назорати андоз

Сарраёсати маъмурикунонии андоз

Раёсати аудити дохилӣ

Раёсати молиявию хоҷагидорӣ

Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон

Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон

Раёсати ситонидани қарзи андозҳо

Раёсати такмили қонунгузории андоз

Раёсати ҳамкории байналмилалӣ

Раёсати таъмини ҳуқуқӣ

Раёсати технологияҳои иттилоотӣ

Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ

Бахши робита бо воситаҳои ахбори омма.",

4. Дар Нақшаи идоракунии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 "Дар бораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ шудааст, калимаҳои "Нозироти андозсупорандагони калон бо шӯъбаҳояш дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе" ба калимаҳои "Раёсати андози андозсупорандагони калон бо нозиротҳояш дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳри Душанбе" иваз карда шуда, калимаҳои "Нозироти андозсупорандагони миёна бо шӯъбаҳояш дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе" ва "Маркази коркарди маълумот" хориҷ карда шаванд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории хароҷотро барои нигоҳдории воҳидҳои иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
аз 27 ноябри соли 2019,
№ 604